# ТАҚРИЗИ

мушовири илмӣ оид ба таҳқиқи диссертатсионии Асоев Сайёд Эмомалиевич дар мавзуи «Таъсири ҳосилаҳои аминокислотагӣ-пептидии глитсерин ба нумӯ ва энергияи сабзиши тухми гандум (Triticum L.)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04-Биохимия пешниҳод шудааст

Мубраммии мавзуи таҳқиқи диссертатсионии Асоев Сайёд Эмомалиевич зарур ва мубрам мебошад, аз ин рӯ яке аз ҳадафҳои асосӣ ва стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин баланд бардоштани сифати маҳсулоти хуроквори (ғаладонагӣ) ва таъмин намудани амнияти озуқаворӣ ва роҳҳои ҳали он мебошад. Барои ҳали он, маҳз пайвастаҳои биоорганикӣ метавонанд, ки оид ба баланд бардоштани ҳосилнокии зироат мусоидат кунанд. Аз ин рӯ биологияи физикию химиявӣ метавонанд, ки муҳимияти равиши мақсаднокро оид ба ҷустуҷӯ ва коркарди методҳои самараноки синтези моддаҳои нави аз ҷиҳати биологӣ, физиологӣ ва биохимиявӣ фаъолро тасдиқ намояд.

Асоев Сайёд Эмомалиевич соли 2010 ба факултаи биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ихтисоси биолог омӯзгор дохилшуда, онро соли 2015 хатм намуд. Пас аз хатми донишгоҳи номбурда барои идомаи таҳсил ба шуъбаи аспирантура аз руйи ихтисоси 03.01.04-Биохимия дар Маркази инноватсионии биология ва тибби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон соли 2019 зинаи мазкурро бо ихтисоси 03.01.04-Биохимия хатм намудааст. Асоев С.Э., аз соли 2016 ба ҳайсси аспиранти шуъбаи рӯзонаи Маркази инноватсионии биология ва тибби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва аз соли 2015 лаборант, ходими хурди илмӣ, ходими илмӣ ва ходими калони илмӣ дар озмоишгоҳи «Химияи глитсерин»-и ба номи д.и.х., профессор Б.Ҳ. Кимсанов Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Кори диссертатсионӣ аз муққадима ва 3 боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда, ки 162 номгуйро дар бар мегирад, аз он ҷумла 148 номгуйи бо забони руси ва тоҷики 14-хориҷӣ ва 27- номгуйи корҳои илмии довталаб иборат аст.

Дар муққадима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ ассоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёби гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд

Дар боби якум «Шарҳи адабиёт, маълумоти умумӣ оид ба аҳамияти физиологӣ-биохимиявии фиторегуляторҳо дар раванди ҳаётии

растаниҳо». Солҳои охир таваҷҷуҳ бо ёрии фитогормонҳо аналогҳои синтетикии онҳо дар масъалагузории танзими афзоиш ва инкишофи растаниҳо ба хусус дар навъҳои гандум торафт муҳимтар мегардад. Дар соҳаҳои кишоварзӣ ва хоҷагии халқ истифодаи амалии онҳо васеъ буда, боиси баланд гардидани ҳосилноки шуда ва хусусиятҳои бисёр муфид дорад.

Дар боби дуюм. «Қисми эксперименталӣ (таҷрибавӣ). Объекти таҳқиқот ва шароити гузаронидани таҷрибаҳо» Номбурда натиҷаҳои таҷрибавиро бо усулҳои ҳозиразамонӣ - биохимиявӣ химиявӣ: ИС-, Масс-спектроскопия ва таҳлили хроматографияи маҳинқабат ва Третяков 1990, Lichtenthaler 1983, Wettctein, 1957, Гагаринский 2014, бо муваффақият аз худ кард. Саҳми шахсии унвонҷӯ дар таҳқиқоти илмӣ, ҷустуҷӯ ва таҳлили маълумоти адабиёт оид ба мавзуи кори илмӣ, иштирок дар таҳияи нақшаи раванди таҳқиқот, гузаронидани таҷрибаҳои озмоишгоҳи ва саҳроӣ, инчунин муайянкардани пайвастагиҳои ҳосилаҳои аминокислотагию пептидию глитсерин барои рушду нумӯи тухмиҳои гандуми навъӣ мулоимдона ва сахтдона, коркарди маълумотҳои математикӣ, таҳлил ва хулосаҳо дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот назаррас мебошад.

Дар боби сеюм «Таъсири ҳосилаҳои аминокислотагӣ- пептидии глитсерин ба афзоиш ва рушди тухмии гандуми навъҳои «Наврӯз» ва «Ватан» (Triticum L.) оварда шудааст». Таъсири муайяни физиологӣ ва биохимиявӣ вобаста аз қобилияти баланди реаксионӣ доштаи радикалҳои мухталифи химиявӣ метавонанд дар рустаниҳо таъсири нумӯи нишон диҳанд. Сарфи назар аз оне, ки дар молекулаҳои пайвастаҳои санҷидашуда гурӯҳҳои функсионалии аминӣ, карбоксилӣ ва гидроксилӣ ҳастанд, аз ҳисоби ҳамин гурӯҳҳои функсионалӣ ин пайвастаҳо метавонанд ба девори ҳуҷайравӣ ё мембранаҳои ҳуҷайра таъсир расонанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои ассосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса диссертатсияи Асоев Сайёд Эмомалиевич дар мавзуи «Таъсири ҳосилаҳои аминокислотагӣ-пептидии глитсерин ба нумӯ ва энергияи сабзиши тухми гандум (Triticum L.)» ба талаботи Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи

олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, чиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04-Биохимия барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Мушовири илмӣ:
доктори илмҳои биология,
профессор, академики АМИТ Якубова М.М.

«10» 07. 2024

Суроға: 734000,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ
кучаи Мирзо Турсунзода, 8, ҳуч. 12
Телефон: (+992)935-05-10-09
E-mail: mukhiba@mail.ru.

Имзои мушовири илмӣ: доктори илмҳои биология, профессор, академики АМИТ ва мушовири илмии МИБТ М.М. Якубоваро тасдиқ мекунам:

шуъбаи кадрҳои
МИБТ АМИТ Усмонова П.

«10» 07 2024

Суроға: 734017 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ
кучаи Карамов 27, Маркази инноватсионии
биология ва тибби АМИТ,
Телефон: (+992)37-224-35-11
E-mail: markaz.11@mail.ru.